# 26304 - Оё овози зан аврат аст?

**савол**

Мегӯянд, ки овози зан аврат аст, оё ин сухан дуруст аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ ва паём ба расулуллоҳ .. Ва баъд:

Овози зан мутлақан аврат нест, зеро занон ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шикоят мекарданд, масоили исломиро аз ӯ мепурсиданд, ҳамчунин бо хулафои рошидин (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) ва ҳокимони баъд аз онҳо чунин рафтор мекарданд, (яъне ҳамчунин ба назди хулафои рошидин ва ҳокимони мусулмонон рафта, шикоят мекарданд ва масъалаҳои диниро аз онҳо мепурсиданд) ва ба мардони номаҳрам салом медоданд, мардон ба саломи онҳо посух медоданд. Ҳеҷ яке аз имомони Ислом ин амали онҳоро инкор накардааст. Аммо барои зан ҷоиз нест, ки бо овози шикаста ва нарму нозук сухан бигӯяд, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

يَا نِسَاءَ النَّبِيِّ لَسْتُنَّ كَأَحَدٍ مِّنَ النِّسَاءِ إِنِ اتَّقَيْتُنَّ فَلَا تَخْضَعْنَ بِالْقَوْلِ فَيَطْمَعَ الَّذِي فِي قَلْبِهِ مَرَضٌ وَقُلْنَ قَوْلًا مَّعْرُوفًا

سورة الأحزاب: ٣٢

**«Эй занони паёмбар! Шумо монанди ҳеҷ як аз занони дигар нестед, агар парҳезкорӣ кунед. Пас, нарму нозук сухан нагӯед, то мабодо касе, ки дар дилаш беморӣ аст, тамаъ кунад. Ва сухани шоиста бигӯед».** (Сураи Аҳзоб: 32).

Зеро ин чиз мардонро ба васваса ва фитна гирифтор мекунад, чунон ки ояти зикршуда ба он далолат намудааст. Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст. Поёни сухан.
Аз фатовои Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ (6 / 83).